**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи
С.Айнӣ, доктори илмҳои таърих
профессор **Ибодуллозода А.И.**

____________________

«30» апрели соли 2025

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи **Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна** "Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ))

**Мувотибиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Рисола ба бандҳои шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) комилан мувофиқат дорад ва нуктаҳои асосии ин самти тахассуси зикршударо инъикос мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро яке аз проблемаҳои муҳими илми методика - асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон дарбар мегирад. Дар рисола таҳқиқи асосҳои лингводидактикии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикии сифҳои 8-9 ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон мавриди ҳаллу фасл қарор гирифта, натиҷаҳои пажуҳиш тавассути ташкили роҳу усулҳои самарабахши методӣ дар робита ба

инкишофи нутқи мураттаби хонандагон дар раванди таълими ҷумлаҳои сода ва мураккаб истеҳком ёфтааст.

Муаллифи рисола бар он ақида аст, ки таҳлили ҳаматарафаи масъалаи таълими ҷумлаҳои сода дар синфи 8 ва ҷумлаҳои мураккаб дар синфи 9-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон дар заминаи осори суханварони бузурги форс-тоҷик инкишофи мустақилияти тафаккур, нутқи мураттаби гуфторию навиштории бошуурона ва мавзуну дуруст ва тарбияи ахлоқиву хештаншиносии хонандагонро таъмин менамояд. Корбурди маводи барҷаста аз осори пандомези классикон сабаби рушди маҳорати суханварӣ, муошırати озоду фасеҳ, ғановати захираи луғавӣ ва фаъолнокии зеҳнӣ: маърифатӣ, таҳлили интиқодӣ, тафаккури эҷодӣ ва маҳорати мутобиқ шудан ба фазои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мегардад.

Муаллиф собит месозад, ки истифода аз маводи китоби дарсии “Адабиёти тоҷик” (синфҳои 5-11) судманд мебошад, зеро на фақат қоидаву таърифоти наҳви забони тоҷикӣ мушаххастар омӯзонида мешавад, балки ҳамгироии ду фанни басо муҳим дар амал татбиқ ва ҷанбаи тарбиявии машғулиятҳо таъмин мегардад.

Мубрамии таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯй Раҳимова М.А. боз дар он аст, ки муаллиф дар самти сифатан баланд бардоштани таълиму тарбияи насли наврас дар заминаи забономӯзӣ ва андешаҳои асоснок дар татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим пешниҳодҳои назаррас манзур кардааст.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Рисола дар асоси рӯй овардан ба ақидаҳои пешқадами забоншиносони маъруфи ватаниву бурунмарзӣ, андешаҳои педагогҳо ва методистони шинохтаи тоҷику рус таҳқиқ шуда, ҳамзамон дар роҳи иҷрои пешниҳод, дастур ва супоришҳои Паёмҳои ҳарсолаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Бо мақсади асосноккунии гузоришҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳо диссертант мақсади таҳқиқот ва фарзияи онро аз нигоҳи илмӣ-методӣ муайян карда, ҳалу фасли проблемаҳои муҳимро ба риштаи таҳқиқ гузоштааст. Дар рисола асосҳои таълими наҳви забони тоҷикӣ дар доираи омӯзиши осори классикон, таҳлили китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълими забони тоҷикии синфҳои 8-9, асосҳои методии интихоби мисолҳо (ҷумлаҳо, матнҳо) бо мақсади инкишофи нутқи мураттаби хонандагон таҳқиқ шуда, истифодаи осори ибратомӯзи классикон дар раванди таълими ҷумлаҳои сода ва мураккаб ҳаллу фасл гардидааст. Муаллиф тибқи озмоиш истифодаи осори адибони классикии тоҷикро бо ҳадафҳои инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9 собит ва асоснок кардааст.

Таҳлилу баррасии натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ-озоишӣ бадастовардаи унвонҷӯй шаҳодат медиҳад, ки фарзияи аз ҷониби муаллифи диссертатсия пешниҳодшуда тасдиқи амалии худро комилан ба даст овардааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва сеҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Бори нахуст дар илми лингводидактикаи ватанӣ коркарди асосҳои илмӣ-методии таълими синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаби забони тоҷикӣ дар асоси осори классикон сурат гирифта, натиҷаҳои он дар муассисаҳои таълимӣ мавриди санҷиш ва арзёбӣ қарор гирифтааст. Дар рисола омӯзиши забони тоҷикӣ ва ташаккули фарҳанги нутқи хонандагони синфи 8-9 ҳини таълим ва омӯзиши қисмати муҳимми грамматика - синтаксис мавриди ҳаллу фасл ва пажуҳиши амиқ қарор ёфтааст.

Мусаллам аст, ки таълими синтаксис ба ҷуз рушди савияи дониш, маҳорат ва малакаҳои забондонӣ, инчунин фарҳанги гуфтор, ҳусни баён, вусъати фикр, салоҳияти иртиботӣ, одоби муошират, ташаккули маърифат ва тарбияи ахлоқиро ба низом медарород. Дар ин росто, муаллиф таҷдиди низоми таҳсилотро аз нигоҳи ҳалли вазифаҳои муҳим, амсоли тарбияи шахсияти забондон, мутахассиси босавод, корманди

салоҳиятноки дорои тафаккури интиқодиву эҷодкор ва ба муҳити зудтағйирёбандаи иҷтимоию иқтисодии давру замон пеш мегузорад.

Зикр мегардад, ки забони тоҷикӣ чун мероси бузурги гузаштагон ва сарчашмаи файзбахши асолати миллӣ дар таълим ва омӯзиши грамматика, бахусус, қисмати синтаксис аз эҷодиёти адибони классики форсу тоҷик бисёртар истифода мегардад. Чунин корбурди осори пурғановати классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ ба шаклгирии завқи адабӣ, забондонӣ ва зебоишиносии хонандагон ба бедорсозии ҳисси худшиносии миллии онҳо мусоидат менамояд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмии таҳқиқот ва натиҷаҳои арзишманди диссертатсияро нуктаҳои зерин собит месозад:

- таълими синтаксиси забони тоҷикӣ дар заминаи осори классикон дар партави муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ ҳамаҷониба таҳқиқи худро ёфтааст;

- собит шудааст, ки ташаккули нутқи мураттаби хонандагон дар асоси осори классикон бо истифода аз модели (амсилаи) пешниҳодшуда бо ҳадафҳо ва вазифаи аслии хеш – муайян намудани моҳият ва асосҳои фароҳам овардани шарту шароити муоширату муомилоти байниинсонӣ дар бобати асолатҳо ва риояи принсипҳои муҳимми дидактикӣ-иттилоотӣ, тарбиявӣ, рушд ва таҳлилӣ-ҷамъбастӣ таҳқиқ ва натиҷабардорӣ шудааст;

- тавсиф ва ҷамъбасти натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар самти ташаккули нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9 дар ҷараёни таълими синтаксис дар асоси осори классикон собит месозад, ки дар заминаи модели пешниҳодшуда хонандагон ба фазои салоҳияти забонӣ ва коммуникативӣ дар сатҳи талаботи стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ хубтар ва амиқтар ворид мешаванд;

- дар системаи таълимии пешниҳодшуда дар муқоиса бо таълими анъанавии синтаксиси забони тоҷикӣ пешравӣ ва салоҳиятмандии

муҳассилин бештар рушд ёфта, бахусус, татбиқи он дар асоси осори классикон мусбӣ арзёбӣ мегардад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки маводи назариявӣ ва дидактикии дар рисола пешниҳодшуда ба омӯзгорон дар ташкили бонизоми дарс ва баланд бардоштани самаранокии машғулиятҳо ёрии амалӣ хоҳад расонд. Дар диссертатсия намунаи методҳо барои таълими босамари синтаксис, системаи машқҳо, супоришҳо, намунаи таҳлилҳои синтаксисӣ дар синфи 8-9 пешниҳод шудааст.

Баррасӣ ва самаранокии онҳо на танҳо барои дарки табиати синтаксиси ҷумлаҳои сода ва мураккаб, ҳамчунин, ба идроки маъноҳои барҷаставу баланди осори адабӣ ба хонандагон кӯмак мерасонад.

Тавсияҳои методии муаллиф ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани сифати таълими забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода гардида, мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълими забони тоҷикӣ қарор гирад.

Истифодаи маҷмуи машқу супоришҳое, ки барои санҷиши дониши хонандагон дар озмоиши таълимӣ пешниҳод шудааст, дар факултетҳои филологии мактабҳои олӣ ҳангоми таълими фанни методикаи таълими забони тоҷикӣ, забони адабии ҳозираи тоҷик ва дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик, инчунин дар таҳияи корҳои курсӣ, дипломӣ ва реферативӣ метавонад мавриди истифода қарор гирад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натичаҳои таҳқиқ.** Эътимонокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои он дар партави омӯзиши ҳамаҷонибаи рукнҳои методологии таҳқиқот, минҷумла, осори гаронмояи илмии методистҳо, педагогҳо, психологҳо, забоншиносони ватаниву хориҷӣ, самт, ҷанба ва шароитҳои педагогии таълими синтаксиси забони тоҷикӣ дар заминаи кор бо матнҳои тахассусӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот инчунин, дар он зуҳур меёбад, ки асосҳои методологӣ-бунёдии мавзуъ, интихоби роҳу равиш, усул ва машқҳои амалӣ хонандагнро ба муоширати озоди баёни фикр талқин намуда, фарзияи дар рисола пешниҳодшуда тавассути коркард ва таҳлили маълумоти озмоишҳо тасдиқи худро коимлан пайдо кардааст.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои боэътимоди методикаи таълими забон, илмҳои педагогика ва психология, тафсир ва тавзеҳоти мафҳумҳои асосӣ, истифода аз усулҳои проблемавӣ, озмунҳои муқарраркунӣ ва таълимӣ, ниҳоят, аз усули таҳлили статистикӣ, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин гардидааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми илмии муаллифи рисола дар коркарди асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон ва низоми мураттабу мукаммали таълими забони тоҷикӣ дар асоси методологияи илмӣ ва таҷрибаи пешрафтаи аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва дар амал санҷидашуда бо назардошти махсусияти таълими синтаксис дар синфҳои 8-9-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод шудааст.

Муаллиф вазъи таълим ва омӯзиши забони тоҷикиро дар доираи таҳлили китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълими синфҳои 8 ва 9 мавриди баррасӣ қарор ёфта, бо ташкили озмоиши муқарраркунӣ (солҳои таҳсили 2020-2021 ва 2021-2022) пешрафти хонандагони гурӯҳҳои озмоиширо бо шарҳу таснифи васеъ нишон шудааст.

Дар асоси арзёбии сифат ва натиҷаҳои баланди таълими гурӯҳи озмоишӣ самаранокии усулҳои пешниҳодгаштаро барои ангезиши таваҷҷуҳ ба омӯзиши ҷумла, ҳамгироии фанни забон ва адабиёти тоҷик ва коркарди матнҳои адабии барҷаста дар ташаккули салоҳияти забонӣ, маърифатӣ ва иртиботии толибилмон ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ҷаласаҳои муштараки кафедраҳои методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик, педагогика ва психологияи донишгоҳ муҳокима ва мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд.

Муҳтавои асосии рисола ва натиҷаҳои таҳқиқот дар семинару конференсияҳо, машғулияту мизҳои мудаввар, семинарҳои омӯзишӣ, ки солҳои 2020-2024 дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров баргузор гардиданд, ироа, тасвиб ва тасдиқи худро ёфтааст.

Натиҷа ва дастовардҳои методии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли мақола ва фушурдаҳои илмӣ (5 адад) ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ (16 адад) ба табъ расида, дар конференсияҳои гуногуни илмию амалӣ ироа шудаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дар асоси омӯзиши маъхазҳои илмӣ ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ муаллиф собит месозад, ки ноил гардидан ба сифати таълиму тадрис ва раванди таҳсилот ба ниёзҳои шахс, ҷомеа ва давлат ҷавобгӯ буда, дар натиҷаи фаъолияти ташаббускоронаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар самти забономӯзӣ бо дарназардошти асолатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ имконпазир мегардад. Дар ин ҷода таваҷҷуҳ ба таълими забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули салоҳияти забонӣ, маърифатӣ ва иртиботии хонандагон дар заминаи омӯзиши синтаксис дар рушди шахсияти насли наврас нақши муассир дорад.

Дар рисола корбурди маводи таълимӣ аз осори пандомези классикон боиси рушди маҳорати суханварӣ, муоширати озоду фасеҳ, ғановати захираи луғавӣ ва фаъолнокии зеҳнӣ-маърифатӣ, рушди

тафаккури эҷодии хонандагон мегардад. Бо ин мақсад на танҳо қоидаву қолабҳои созмони ҷумлаҳои сода ва мураккаб, балки дарки маърифати каломи мавзун, шарҳу тафсири вожаҳои душворфаҳм ба аҳаммияти бузурги забономӯзӣ ва муошират доро аст.

Асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқоти Раҳимова М.А. мушаххас, боэътимод ва боварибахшанд. Муаллифи диссертатсия дониши хуби назариявӣ нишон дода, қобилияти хешро дар таҳлилу таҷзияи натиҷаҳои таҳқиқот собит месозад, ки он ҳама аз ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами диссертатсия шаҳодат медиҳад.

Заминаи таҷрибавӣ ва татбиқи амалии нукоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ҳар як давраи иҷрои кор, мантиқи афкор ва андешаҳои муаллифи рисола, забони илмии диссертатсия пурра ҷавобгӯи талаботи рисолаҳои илмӣ мебошанд.

Дар боби якуми диссертатсия асосҳои лингводидактикии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикии синфҳои 8-9 дар партави муносибати босалоҳият ба таълим ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон дар раванди омӯзиши ҷумлаҳои сода ва мураккаб, вазъи таълими наҳви забони тоҷикӣ тавассути осори классикон: таҳлили китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълими забони тоҷикии синфҳои 8-9, асосҳои назариявӣ-методии интихоби мисолҳо (ҷумлаҳо, матнҳо) дар дарсҳои забони тоҷикӣ бо мақсади инкишофи нутқи мураттаби хонандагон ба таври амиқ ва муфассал тавзеҳ ва таҳлил шудаанд. Дар ин боб андешаҳои интиқодии муаллифи рисола перомуни ҳар як қисмати мавзуъ баён гардида, дар пайвастагӣ ба онҳо тавсияҳои мушаххас пешниҳод шудааст.

Дар боби дуюми рисола ташкили корҳои методӣ оид ба инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9 дар ҷараёни таълими ҷумлаҳои сода ва мураккаб баррасӣ ва ҳаллу фасл ёфта, истифодаи осори ибратомӯзи классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар раванди таълими ҷумлаҳои сода ва мураккаб тибқи низоми босалоҳият, пажуҳиши

озмоишии таълимӣ-методии истифодаи осори адибони классикии тоҷик дар роҳи инкишофи нутқи мураттаби хонандагони синфҳои 8-9 натиҷагирӣ ва ҷамъбаст шудааст.

Унвонҷӯ мутмаин аст, ки яке аз норасоии методии раванди таълим аз он иборат аст, ки диққати асосӣ ба хотира равона мешавад, на ба инкишофи тафаккури хонандагон. Масалан, хонанда ҳар чизе, ки дар раванди дарс мавриди бахрабардорӣ қарор мегирад, дар хона такрор менамояд, вале ташаккули қобилияти эҷодӣ, тафаккури интиқодӣ ва фаъолиятмандии ӯ кам ба назар мерасад.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ, ки дар шакли хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методӣ коркард ва пешниҳод шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия рисолаи дорои арзиши баланди илмиву амалӣ матраҳ ёфта, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот бешак ба рушди салоҳиятҳои коммуникативӣ, вусъати нерӯи зеҳнӣ, маърифатию эҷодӣ ва мустақилии хонандагон мусоидат хоҳад кард.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия дар мувофиқа ба гузориши масъала ва равиши таҳқиқу баррасии масъалаҳо аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти илмӣ иборат буда, 198 саҳифаро дарбар мегирад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан мутобиқ буда, аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ риоя гардидани муҳлати марҳалаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор додани методҳои мувофиқ ба объект, мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти миқдору ҳаҷми гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии тасвиби озмоиш дар амалияи таълиму тарбия ягонагии натиҷаҳои ҳосилшуда таъмини худро ёфтааст.

Автореферати рисола низ дар сатҳи баланди илмӣ-методӣ таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ аст ва тасаввуроти

мушаххасро оид ба моҳияти таҳқиқоти мазкур имкон мебахшад. Мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

**Эродҳо ва ҳолати баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳои назаррас ва муҳим диссертатсия ва автореферат аз камбудиву норасоиҳо озод нест ва зикри бархе аз онҳо барои таҷдиду такмили таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Ҳарчанд аз оғоз то анҷом дар муҳтавои рисолаи илмӣ муносибати босалоҳият ба таълим тибқи истифодаи осори классикон чун риштаи меҳварӣ мушоҳида мешавад, беҳтар мебуд, дар қисмати мундариҷа низ низоми салоҳиятноки таълим инъикос шавад.

2. Дар рисола гоҳо истифодаи нозарури калимаҳои арабӣ мушоҳида мешавад, дар ҳоле ки бо муродифоти тоҷикӣ иваз кардан мумкин буд, амсоли: муваззаф ҳастанд, қавоиди забон ва дигарҳо.

3. Азбаски шарҳи луғат дар дарсҳои забони модарӣ аз ҷабҳаҳои асосӣ ҳисоб мешавад, хуб мебуд агар дар рисола вобаста ба истифодаи осори классикӣ қисмати махсус оид ба роҳу шеваи луғатомӯзӣ бахшида шуда, тарз ва низоми шарҳу баёни вожаву таркибҳои нофаҳмо ва эзоҳталаб ҳалу фасл мешуд.

4. Дар матни рисола ва автореферат баъзе хатоҳои техникӣ ва имловию китобатӣ дучор мешаванд.

Бояд гуфт, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмию амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ ягон халал ва ё монеа ворид намесозанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Диссертатсияи Раҳимова Манзура Аҳмадовна дар мавзуи “Асосҳои илмӣ-методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 – Назария ва методикаи фанҳои

гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD - доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҳимова Манзура Аҳмадовна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Турсунова Мунаввара Аъзамовна мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Раҳимова Манзура Аҳмадовна иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ 9 нафар омӯзгор иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 9 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест (Қарори ҷаласаи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 25 апрели соли 2025, №9).

**Раиси** ҷаласа, мудири кафедраи
методикаи таълими забон ва
адабиёти Донишгоҳи давлатии

омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои
филологӣ, профессор Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир

**Эксперт** номзади илмҳои филологӣ,
омӯзгори калони кафедра Турсунова Мунаввара Аъзамовна

Котиби илмии ҷаласа Каримова Зухро Мазиёевна

Имзоҳои д.и.ф., профессор С.А. Қосимӣ,
н.и.ф., омӯзгори калон М.А. Турсунова
ва Каримова З.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроғаи муассисаи пешбар:** 734003,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83,
+992(918) 65 71 94;
E-mail: info@mail.ru, www.tgpu.tj
“26” апрели соли 2025